# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Таҳқиқоти диссертатсионии Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ» дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи унвонҷӯ яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он махсусият ва мушкилоти асосии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозорӣ ва роҳҳои самарабахши ҳал намудан ва баланд бардоштани сатҳи тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода мусоидат мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, унвонҷӯй мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст ва хеле дуруст таъкид менамояд, ки маҳз хонавода омили муҳим барои ташаккулёбии шахсияти наврас ба шумор меравад, бинобар ин омӯзиши муносибатҳои хонаводагӣ, нақши волидайн дар ташаккулёбии арзишҳои ахлоқӣ ва иқтисодии наврас масоили мубрами таҳқиқи мо қарор дода шудааст.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Рустами Абдуҷаббор дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ – амалӣ, ки бо гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ мушкилоти тарбияи иқтисодии насли наврас, ташаккул додани меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодии онҳо бар дӯши ҳамаи институтҳои иҷтимоии тарбиявии ҷомеа вогузор мегардад. Дар ин маврид мавқеъ ва нақши хонавода назаррас аст. Зеро азхудкунии донишҳои ибтидоӣ, муайянкунии тасаввурот ва васеъшавии ҷаҳонбинии насли наврас маҳз аз хонавода оғоз мегардад. Ҳамаи ин

заруурияти омӯзиши маком ва накши назарраси хонаводаро ҳамчун институти тарбиявии иҷтимоӣ дар ташаккулёбии шахсияти насли ояндасоз муҳим ва мубрам менамояд, таъмин мекунанд ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, автореферат аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба монанди ғалатҳои техникиву имлоӣ орӣ нест, ки бартараф кардани он ба манфиати кор аст.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

Диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон рисолаи илмии Рустами Абдуҷабборро кори анҷомёфта ва дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Дар умум, кори таҳқиқотии Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ» ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он

сазовори дарёфти **дараҷаи илмии номзади** илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – **Педагогикаи** умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
педагогикаи умумии
факултети педагогикаи
ДДОТба номи Садриддин Айнӣ Сатторов А. Қ.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, (+992) 901408848;
Имзои н.и.п. дотсент Сатторов А.Қ-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.
18.10.2023